# РӮЗИ МОДАР МУБОРАК!


ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ ОН АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД



# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ **** №3 (36) 7-УМИ МАРТИ СОЛИ 2016, ДУШАНБЕ



**ТАҒЙИРОТИ КАДРӢ ДАР ФАКУЛТЕТ**
САҲИФАИ 2

**ИФТИТОҲИ МАҶМААИ ТАНДУРУСТИИ ИСТИҚЛОЛ ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ**





САҲИФАИ 2

**ТАҶРИБАИ ҶАҲОНИИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲОИ КОНСТИТУТСИЯ**
САҲИФАИ 3

**ТААССУРОТ АЗ ВОХӮРИҲО БО МАРДУМ**
САҲИФАИ 4

**БЕГОНАПАРАСТӢ ТО БА КАЙ!**
САҲИФАИ 5

**ТАФОВУТИ АНДОЗ АЗ ДИГАР ПАРДОХТҲОИ ҲАТМӢ (БОҶУ ХИРОҶ)**
САҲИФАИ 6

**ҲУҚУҚИ ЗАН БА ТАҲСИЛ**
САҲИФАИ 8




Модар ягона мавҷудест, ки инсон меофарад ва тавре ки бузургон гуфтаанд, бо як дасти худ гаҳвора ва бо дасти дигараш сайёраро меҷунбонад.

Занону модарони мо бо дастони пурмеҳри худ ниҳоли ишқу муҳаббат, меҳру садоқат, саховату асолат ва илму маърифатро парвариш мекунанд ва қалби поки онҳо ҳамеша барои орому осуда ва пояндаву устувор нигоҳ доштани оила, ҷомеа ва давлат метапад.

Имрӯз ҷомеаи Тоҷикистон дар симои зан на танҳо модар, хоҳар ва ҳамсар, балки сиёсатмадори шинохта, донишманди асил, сарвари муваффақ, соҳибкори саховатпеша, табиби ҳозиқ, корманди поквиҷдони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҳомии Ватан, бинокори номдор, мураббии наслҳо ва ҳамшираи меҳрубонро мебинад, ки ин мояи ифтихори ҳар яки мову шумо мебошад.

*Эмомалӣ Раҳмон*



МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

**Муассис: факултети ҳуқуқшиносии ДМТ**

www.law.tnu.tj

и.в. сармуҳаррир:
**Ҷаҳонгир Саъдизода**
jahon_1967@mail.ru

**Тарроҳ: Ҳамидулло АЗИЗОВ**

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
**Раҳмон Д.С.** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, декани факултети ҳуқуқшиносӣ;
**Маҳмудов И.Т.** мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ;
**Қурбонализода Н.Ш.** муовини декан оид ба илм ва робитаҳои байналмилалӣ;
**Камолов И. И.** дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ;
**Сулаймонов Ф. С.** дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ;

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
**Давлатов Ҷ. М.** директори Агентии хизмати давлатии назди Президенти ҶТ;
**Саид Нуриддин Саид** вазири маориф ва илми ҶТ, профессор;
**Имомзода М. С.** ректори ДМТ, академики АИ ҶТ;
**Тоҳиров Ф. Т.** академики АИ ҶТ,
**Маҳмудзода М. А.** раиси Суди Конститутсионии ҶТ, академики АИ ҶТ;
**Раҳимзода М.З.** директори маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ, профессор;
**Диноршоев М.** академики АИ ҶТ.
**Насриддинзода Э. С.** профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ;
**Сафаров Б.А.** дотсенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;

**ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД:**
Дастнавис қабул карда намешавад.
Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Рӯзнома на ба ҳама андешаи муаллифон мувофиқ аст ва ақоиди мухталифро ба хотири риояи чандандешӣ ба табъ мерасонад.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ тахти №0336/рз аз 28-уми феврали соли 2013 ба қайд гирифта шудааст.
Нишонии идора: ш.Душанбе, Буни Ҳисорак, Шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: 985-38-38-67, 918-51- 03- 02. Теъдод: 1000
Навбатдори шумора: Бобоҷон Наимзода

# ИФТИТОҲИ МАҶМААИ ТАНДУРУСТИИ ИСТИҚЛОЛ ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ



Санаи 4-уми марти соли 2016 Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе як маҷмааи бузурги тандурустиро дар вазъияти тантанавӣ ифтитоҳ намуд. Баъди буридани лентаи рамзӣ дар ҳамин ҷо Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон бо шумораи зиёди табибон, ки ба истиқболи Сарвари давлат омада буданд, суҳбати самимӣ доир намуд.

Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон бунёду мавриди истифода қарор додани ин маркази бузургро туҳфаи арзандаи Пешвои миллат ба кормандони соҳа дар арафаи ҷашни байналмилалии Наврӯз ва истиқбол аз 25 - солагии Истиқлолияти давлатии ҶТ арзёбӣ кард. Президенти мамлакат Маркази тандурустиро "Истиқлол" номгузорӣ кард.

**http://www.prezident.tj**

# АНГОРАИ НАВРӮЗӢ ТАСДИҚ ШУД




Санаи 2-юми марти соли ҷорӣ аз ҷониби Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти ҶТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ангораи ҷашни Наврӯз тасдиқ карда шуд. Ангораи наврӯзӣ дар айёми тантанаҳои наврӯзӣ метавонад чун рамзи ин ҷашни пурифтихори бостонӣ истифода гардад.

Акнун вазорату кумитаҳо, муассисаву ташкилотҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, шаҳри Душанбе вазифадор шуданд, ки ҳангоми тантанаҳои наврӯзӣ аз ин ангора истифода намоянд.

*Масъул:*
***Исмоил Шарифов***

# ТАҒЙИРОТИ КАДРӢ ДАР ФАКУЛТЕТ

Боиси ифтихору сарфарозист, ки давоми солҳои истиқлолияти давлатӣ факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба як маркази бонуфузи омодасозии кадрҳои лаёқатманд ва ҳайати роҳбарикунанда табдил ёфтааст. Мавриди зикри хос аст, ки бо дарназардошти таваҷҷуҳу ҳидояҭҳои бевоситаи роҳбарияти олии сиёсии кишвар чандин устодону омӯзгорони соҳибтаҷриба, донишманд ва унвону дараҷаҳои гуногуни илмидоштаи факултети ҳуқуқшиносӣ ба вазифаву мансабҳои масъули сохторҳои гуногуни давлатӣ баргузида шудаанд.

Дар ҳамин радиф боварию эътимоди навбатии роҳбарияти ҲХДТ-ро метавон ба кули омӯзгорону кормандони факултет табрик гуфт. Зеро аз ҷониби Конференсияи ҲХДТ дар ноҳияи Фирдавсии ш.Душанбе номзадии декани факултети ҳуқуқшиносӣ, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Насриддинзода Э.С. ба вакилии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ аз ҳавзаи интихоботии якмандатии Фирдавсӣ №1 пешниҳод карда шуд.

Раҳмон Дилшод Сафарбек, ки қаблан дар вазифаи мудири шуъбаи ҳуқуқи кӯдаки Дастгоҳи иҷроияи Президенти Тоҷикистон фаъолият мекард, ба вазифаи декани факултети ҳуқуқшиносӣ таъин карда шуд. Хотирнишон бояд сохт, ки номбурда хатмкардаи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ буда, соли 2012 рисолаи номзадиашро ҳимоя намудааст. Қаблан дар вазифаҳои ассистент, дотсент, муовини декан оид ба тарбия ва таълими факултети мазкур фаъолият кардааст. Раҳмон Д.С. ҷавонтарин декан дар умури идории факултет ва Донишгоҳ мебошад.

Ин масъулияти баландро аз номи кулли омӯзгорону кормандон ва донишҷӯёни факултет ба декани тозатаъин Раҳмон Д.С. самимона табрик гуфта, барояшон комёбиву сарфарозӣ, иқболи баланду тавонмандиро орзумандем.

Ба устод Насриддинзода Э.С. низ дар пайи дастёб шудан ба курсии вакили МНМО ҶТ пирӯзиву зафарро орзумандем. Устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносӣ омода ҳастанд барои ширкати фаъолонаи собиқ декани факултет дар маъракаҳои пешазинтихоботӣ тамоми ёрию дастгирии худро расонанд.

**Иззатулло МАҲМУДОВ**

# БУЗУРГОН ДАР ВАСФИ МОДАР

Биҳишт зери қудуми модарон аст.

***Ҳадис***

* * *

Модар бо як даст гаҳвора бо дасти дигараш сайёраро меҷунбонад.

***Напалеон Бонапард***

* * *

Кӯдак модари худро аз хандааш мешиносад.

***Лев Толстой***

* * *

Модар ягона касе аст, ки инсон бо тамоми кулфату андуҳи худ такя ба модар мекунад.

***Энили Дикинсон***

* * *

Ояндаи миллат дар дасти модарон аст.

***Онорс де Бальзак***

Кӯдакон мисли лангаранд, ки аз домони модар медоранд.

***Софокл***

Модар ҳамеша зидди марг аст.

***М.Горкий***

* * *

Беҳтарин модар ҳамон аст, ки дар вақти набудани падари фарзанди худ ба ӯ меҳри падариро дода тавонад.

***Гётс***

* * *

Қалби модар фазои беинтиҳост, ки дар он ҳамеша метавон лутфу бахшиш ёфт.

***Онорс де Бальзак***

* * *

Дастони модар аз лутфу назофат сохта шудаанд, то кӯдакон дар онҳо оромона хобанд.

***Виктор Гусо***

Ба мо беҳтарин модар ато кунед, то мо беҳтарин инсонҳо бошем.

***Ж.П. Рихтер***

* * *

Ман модарам, модар ҳеҷ вақт танҳо буда наметавонад.

***Д. Катрин***

* * *

Ҳар гоҳе, ки сунамиро ба ёд меорӣ дар ҳол ба сӯи модар мешитобӣ.

***Инна Зекслер***

* * *

Шумо ҳанӯз кӯдак ҳастед, то даме, ки модар доред.

***С. Джейст***

*Гирдоварии*
**Бобоҷон НАИМЗОДА**



**Рустам СОТИВОЛДИЕВ**
*мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, профессор*

# ТАҶРИБАИ ҶАҲОНИИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲОИ КОНСТИТУТСИЯ




Конститутсия - Қонуни асосии давлат, ҳуҷҷати таърихии сиёсӣ буда, заминаи ташаккулу инкишофи низоми нави сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ буда, дурнамои рушди ҷомеаро муайян мекунад. Дар он манфиатҳои миллӣ, ҷаҳонбинӣ, мафкураи ҷомеа, арзишҳои ахлоқӣ-маънавӣ инъикос гардида, мавқеи инсон дар ҳаёти давлат ва ҷомеа муайян мегардад. Ҳамзамон дигаргуниҳои кулли соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа, талаботи нави ҷомеа, омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва дигар зарурати тағйири конститутсияро зарур мегардонанд.

Дар ҳамаи конститутсияҳои ҷаҳон тартиби махсуси тағйиру иловаҳои онҳо пешбинӣ мешавад. Аз ҷумла, тибқи Конститутсияи ҶТ тағйиру иловаҳои Конститутсия бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ сурат мегирад. Раъйпурсиро Президент ва ё Маҷлиси намояндагон бо тарафдории на камтар аз се ду ҳиссаи шумори умумии вакилон таъин мекунад (м. 98). Тағйиру иловаҳоро ба Конститутсия Президент ё ҳадди ақал аз се як ҳиссаи умумии аъзо ва вакилони Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод мекунанд (м. 99). Ҳамзамон шакли идораи ҷумҳурӣ, тамомияти арзӣ, моҳияти демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ ва иҷтимоии давлат тағйирнопазиранд (м. 100). Меъёрҳои зикршуда шакли инъикоси манфиатҳои миллӣ ва моҳияти давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон, кафолати ҳимояи сохти давлатӣ ва ҷамъиятӣ аз хатарҳо ва таҳдидҳои радикалӣ ва экстремистӣ мебошанд.

Чунин тартиби тағйири конститутсия дар давлатҳои ҷаҳон низ пешбинӣ мешавад. Дар ҳамаи давлатҳо тағйиру иловаҳоро ба конститутсия сарвари давлат, аз се як ҳисса, аз чор се ҳисса ва ё аз панҷ се ҳиссаи вакилони паламент пешниҳод мекунанд. Дар Швейтсария, Дания, Ирландия, Хорватия, Албания, Полша, Андорра ва давлатҳои дигар тағйиру иловаҳо бо роҳи раъйпурсӣ сурат мегиранд.

Тағйиру иловаҳо ба конститутсия - таҷрибаи муқаррарӣ дар ҷаҳони мутамаддин мебошад. Аммо суръати тағйиру иловаҳо гуногун аст. Чунончи, ба Конститутсияи ИМА (с. 1787) дар тӯли 200 сол беш аз 10 000 таклифҳо оид ба тағйири Конститутсия пешниҳод гардида, вале дар маҷмӯъ 27 иловаҳо пазируфта шудаанд. Дар давлатҳои дигар ҷараёни ворид намудани тағйиру иловаҳо ба конститутсия фаъолтар аст. Чунончи, ба Конститутсияи ҳафтуми Бразилия (с. 1988) 64 тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. Дар Венесуэла 26 конститутсия қабул шуда, конститутсияи охирини он 30 декабри соли 1999 эътибори қонунӣ касб намудааст. Конститутсияи Гурҷистон (с. 1995) 19 маротиба мавриди тағйиру иловаҳо қарор гирифтааст. Ба Конститутсияи Олмони Федеролӣ (с. 1949) қариб 50 тағйирот ворид карда шудаанд. Дар Франсия аз соли 1791 то соли 1946 13 конститутсия қабул гардида, ба Конститутсияи ҳоло амалкунандаи Франсия (с. 1958) дар солҳои 1962, 1992, 1993, 1996, 2000, 2008 тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. Ба Конститутсияи Мексика (с. 1917), ки Қонуни асосии "абадӣ" эълон мешавад, то ба имрӯз қариб 600 тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд.

Конститутсияҳои як қатор давлатҳо дар асри XIX қабул шудаанд. Чунончи, конститутсияҳои Белгия соли 1831, Норвегия соли 1814, Люксембург соли 1868, Швейтсария соли1874 қабул шуда, то имрӯз амал карда истодаанд. Вале ба онҳо бо дарназардошти дигаргунихои куллии ҳаёти ҷомеа тағйироту иловаҳои зиёд ворид карда шуданд. Чунончи, ба 82 моддаи Конститутсияи Норвегия (с. 1814) тағйироту иловаҳо ворид карда шуда, танҳо 30 моддаи он бетағйир мондаанд. Дар конститутсияҳои Италия, Франсия, Юнон, Испания, Португалия, Япония меъёрҳои нав оид ба соҳибихтиёрии халқ ё миллат ворид карда мешаванд. Дар конститутсияҳои Австрия, Болгария, Олмон, Полша, Ҳиндустон халқ ё миллат сарчашмаи ҳокимияти давлатӣ эълон карда мешавад. Дар як қатор конститутсияҳо, аз ҷумла дар Конститутсияи Дания (с. 1953) меъёри махсус дар хусуси қабул ва тағйири конститутсия дар раъйпурсӣ дарҷ мегардад. Конститутсияҳо дар ҷараёни таҷрибаи конститутсионӣ ё тавассути созишномаҳои конститутсионӣ низ тағйир мёбанд. Чунончи, дар ИМА дар низоми ҳокимияти президентӣ мақомоти нави давлатӣ, ки дар Конститутсия пешбинӣ нашудаанд, таъсис дода мешаванд.

Ҳанӯз дар м. 28 Конститутсияи Франсия (с. 1791) ҳуқуқи халқ ба тағйири конститутсия дарҷ гардида буд. Минбаъд дар таҷрибаи ҷаҳонӣ тарзҳои гуногуни тағйири конститутсия истифода шуданд. Дар конститутсияҳои Монако (с. 1911), Гана (с. 1960) тартиби махсуси тағйири онҳо пешбинӣ намешавад. Дар конститутсияҳои давлатҳои дигар тартиби мазкур дарҷ мегардад. Чунончи, тағйири Қонуни асосии Олмон бо пешниҳоди на кам аз се ду ҳиссаи овозҳои умумии вакилони палатаҳои парлумон доир мегардад. Барои тағйири меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Малта (с. 1974) аксари овозҳои вакилони Палатаи намояндагон зарур аст. Дар як қатор давлатҳо дар натиҷаи тағйиру иловаҳо конститутсияи нав қабул мешавад ё матни нави конститутсияи қаблӣ пешкаш мешавад. Чунончи, дар натиҷаи тағйироти ҷиддӣ Конститутсияи нави Швейтсария соли 1999 қабул шудааст. Вале Конститутсияи Голландия (с. 1815) дар матни нав соли 1983 қабул мешавад. Бо ҳамин тартиб Конститутсия Ҷумҳурии Венгрия (с. 1949) дар матни нав солҳои 1972 ва 1989-1990 қабул шудааст. Дар ҳолатҳои дигар матни як қатор моддаҳои конститутсия тағйир мёбанд, ё моддаҳои нав илова карда мешаванд. Аз ҷумла, ба Конститутсияи Франсия дар соли 1993 фасли нав дохил карда шудааст.

Дар бештари конститутсияҳо меъёрҳое пешбинӣ мешаванд, ки тағйир додани онҳо манъ карда мешавад. Аз ҷумла, меъёрҳои Конститутсияи Олмон оид ба сохти федеративӣ, дахлнопазирии қадри инсон, ҳуқуқҳои инсон, моҳияти демократӣ, иҷтимоӣ ва федеративии давлат, ҳокимияти халқ, вобастагии қонунгузорӣ аз сохти конститутсионӣ, вобастагии ҳокимияти иҷроия ва адолати судӣ аз қонун ва ҳуқуқ (моддаҳои 1, 20, 79) тағйирнопазир эълон шудаанд.

Одатан меъёрҳои конститутсия, ки асосҳои сохтори конститутсионӣ, моҳияти давлат, ҳуқуқу озодиҳои инсонро танзим мекунанд, тағйирнопазир эълон карда мешаванд. Вале номгӯи чунин меъёрҳо дар конститутсияҳо гуногун аст. Чунончи, тибқи Конститутсияи Мавритания шакли идораи ҷумҳурӣ ва бисёрҳизбӣ тағйирнопазиранд. Дар конститутсияҳои Румыния, Португалия, Намибия, Юнон ва диг. номгӯи чунин меъёрҳои тағйирнопазир бештар аст. Тибқи Конститутсияи Федератсияи Россия моддаҳое, ки дар се боб ("Асосҳои сохтори конститутсионӣ", "Ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд", "Тартиби тағйири Конститутсия") дарҷ шудаанд, тағйирнопазиранд.

Дар як қатор конститутсияҳо мӯҳлати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба конститутсия муайян карда мешавад. Аз ҷумла, тибқи м. 110 Конститутсияи Юнон тағйири Конститутсия паз аз гузаштани панҷ сол аз рӯзи тағйироти қаблӣ имконпазир аст. Чунин тартиб дар м. 284 Конститутсияи Португалия низ пешбинӣ мешавад. Дар як қатор конститутсияҳо моддаҳое, ки дар онҳо тартиби тағйиру иловаҳо пешбинӣ мешавад, аз нав тағйир дода мешаванд. Чунончи, бо ҳамин тартиб моддаҳои Конститутсияи Португалия дар солҳои 1982 ва 1992 тағйир дода шудаанд.

Ҳамин тариқ, тағйиру иловаҳо ба конститутсия дар ҳамаи давлатҳо истифода шуда, ҷузъи ҷараёни такмили ин ҳуҷҷати сиёсӣ маҳсуб мешавад. Такмили конститутсия заминаи рушди ҷомеа, роҳандозии ислоҳоти иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, ба талаботи нави замона мутобиқ намудани низоми қонунгузорӣ ва таъмини сатҳи нави ҳаёти ҳуқуқӣ мебошад.

> **« Дар конститутсияҳои Румыния, Португалия, Намибия, Юнон ва диг. номгӯи чунин меъёрҳои тағйирнопазир бештар аст. Тибқи Конститутсияи Федератсияи Россия моддаҳое, ки дар се боб ("Асосҳои сохтори конститутсионӣ", "Ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд", "Тартиби тағйири Конститутсия") дарҷ шудаанд, тағйирнопазиранд. »**



Дониёр САНГИНӢ

## МЕҲРИ МОДАР

Модарам меҳрофарину офаридгори ман аст,
Модарам чун офтобу чашми бедори ман аст.
Ҳар саҳар бахшад дуоят пешрафти кори ман,
Модарам олисиришту бурд дар кори ман аст.
Гашт бемор гар писар бемор гардад модарам,
То шифои комилам маҳзун аз бори ман аст.
Ӯ надорад кинае аз нуқсу аз кирдори ман,
Шири модар ҳодие бар нек кирдори ман аст.
Дониёро, меҳри модар манбаи илҳоми туст,
З-ин сабаб хидмат ба ӯ то охири кори ман



## БАДАХШОНИ МАН

*(таассурот аз сафари хизматӣ ба ВМКБ)*

Қуллаҳои ту баланду осмонат босафо,
Мардумат меҳмоннавозу бовиқору хушсимо,
Пешрафти ту аён аст, ифтихори кишварӣ,
Таърифат дар баҳру бар кӯҳи баландат пурҷило.
Во дари Дарвозу Ванҷат доимо пурганҷ буд!
Манбаи фарҳанг Рӯшон, Шуғн обод доимо!
Хоруғат тоҷи сару, ҳам Рошткалъа дилписанд,
Ишкошим, Гармчашма баҳри беморон даво.
Хатти сарҳад бин, ки бо Мурғоб гашта ҳамнафас.
Он ки як бораш бубинад, бехуде гардад ҷудо.
Гарчи ҳаст сарҳад туро бо давлати дигар басе,
Чун туро зебоиву боду ҳавое нест ҷо.
Дониёро, аз Бадахшон кардаӣ ту ифтихор,
Баҳри ободии ин мулк аз Худо кун илтиҷо!



Анвар САФАРЗОДА
*мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ*

## ТААССУРОТ АЗ ВОХӮРИҲО БО МАРДУМ

Ҷиҳати фаҳмонидани паҳлуҳои асосии тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи ҶТ дар баробари дигар зиёиёни кишвар банда низ дар як қатор шаҳру ноҳияҳои кишвар - шаҳри Кӯлоб, Қурғонтеппа, Ваҳдат, ноҳияҳои Фирдавсию Файзобод сафар намудам. Ҳангоми вохӯриҳо ба мардум оид ба зарурияти ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсия, моҳияти ин тағйирот ва нақши онҳо дар рушди давлатдории миллӣ, таҳкими конститутси-



онализм, мутобиқати матни Конститутсия ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва имлои забони тоҷикӣ, мутобиқати баробарии вазъи ҳуқуқии ҳамаи шохаҳои ҳокимият ҷиҳати амалисозии принсипи мувозинат ва боздорӣ, шарҳу тавзеҳ дода шуд. Мардуми дар вохӯриҳо иштироккнамуда, бо як диққати том ҳар як тағйиротро гӯш намуда, оид ба паҳлуҳои алоҳидаи он саволу ҷавоб менамуданд. Аҳли ҷамоатчигии шаҳру ноҳияҳо аз тағйиру иловаҳо ҷиҳати дар сатҳи Конститутсия боз ҳам мустаҳкам намудани масъулияти падару модар барои таълиму тарбияи фарзандон ва фарзандони болиғу қобили меҳнат барои нигоҳубин ва таъминоти иҷтимоии падару модар фикру мулоҳизаҳои худро баён намуданд.

Бахусус, мардум ҳангоми баромадашон оид ба муқарраротӣ тағйирот ҷиҳати аз 35 ба 30 поён овардани синну соли номзад ба вазифаи вакили Маҷлиси намояндагон, узви Маҷлиси Миллӣ ва Президенти Тоҷикистон сухан-ронӣ намуда, онро як қадами муҳим дар роҳи ба сиёсат ворид гаштани ҷавонони кишвар арзёбӣ намуданд. Чунки ин тағйирот ба ҷавон имконият медиҳад, ки аз сини 30-солагӣ дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлат ширкат варзанд.

Як лаҳзаро мехоҳам аз вохӯрӣ бо мардуми шаҳру ноҳияҳо махсус иброз намоям. Ҳангоми шарҳи тағйиру иловаҳо ба моддаи 65-и Конститутсия, дар қисмати ба Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат мансуббуда, мардуми ҷамъомада бо дили гарм ва умеди нек ба оянда аз он истиқбол намуданд. Ин ҷонибдорӣ нишона аз эҳтирому эътиқод ва садоқати бепоён ба Пешвои муаззами мардуми Тоҷикистон - Эмомалӣ Раҳмон аст. Дар вохӯриҳо бараъло маълум буд, ки мардуми кишвар якдилона ҷонибдори сиёсати пешгирифтаи давлату ҳукумати кишвар буда, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои асосии рушди кишвар кӯшишу заҳмати худро ба харҷ медиҳанд. Дар маҷмӯъ, аз рӯҳияи мардум эҳсос мешуд, ки онҳо якдилона тағйиру иловаҳо ба Конститутсияро ҷонибдорӣ намуда, рӯзи 22-юми майи соли ҷорӣ дар раъйпурсии умумихалқӣ фаъолона иштирок менамоянд.

# ЗИҲӢ МОДАР!



**Муборак Сафиева**
*ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ*

Модар, калимаест дилангез ва ганҷест бебаҳо. Модар бо як даст гаҳвора ва бо як даст сайёраро такон медиҳад. Модар чун оина пок аст. Модар биҳишти инсон, сарчашмаи муҳаббати беканор аст.

**Модар-модар, каси**
**баҳимат бошад,**
**Дидори шарифи ӯ ғанимат**
**бошад,**
**Аз маҳзани панди ӯ бигир**
**арзонӣ,**
**Фардо чӣ кунӣ, ки ганҷи**
**қиммат бошад.**

Оре, давлати фарзандон модар мебошад. Зиндагӣ худ шеър аст, ки бо аллаи модар ибтидо гирифта, бо номи он хотима меёбад. Ҳар фарзанде, ки қимати модарро донад бо дуояш хушбахт мешавад.

**Сад ҷону дил фидои як**
**мудаои модар,**
**Фатҳу кушоиш орад**
**дасти дуои модар.**

Бузургии модар дар он аст, ки вай фарзандро ба дунё меорад. Шабу рӯз дар фикри он аст, ки фарзанд донишманд шавад ва барои ҷомеа саҳмгузор бошад. Модар сарчашмаи тамоми некиҳост.

Воқеан, модар азизтарин шахс барои ҳар яки мост. Модар ба мисли замин яктост ва муҳаббати ӯ барои фарзанд ҷовидона аст. Модарон арзандаи ҳама гуна эҳтирому дӯстдорианд. Навозиши дастони модар беҳтарин истироҳат барои фарзанд аст.

**Якшаба он ранҷ,**
**ки модар кашид,**
**Бо ду ҷаҳонаш натавон**
**баркашид.**

Модар ба мисли Ватан яктост ва беҳуда низ нагуфтаанд, ки модар ва Ватанро интихоб намекунанд, модар ганҷи бебаҳост. Барои фарзанд шахси аз ҳама наздик, меҳрубон ва мунису ғамхор аст. Шири сафеди модарро ба ҳеҷ ғизои олам наметавон баробар намуд. Инсон баъд аз раҳо шудан аз оғуши модар қиммати ӯро хубтар дарк мекунад, зеро баҳри фарзанд мисли канори модар биҳиштосо макони дигаре нест.

**Тифлию домони модар**
**хуш биҳиште будааст,**
**То ба пои худ равон гаштем,**
**саргардон шудем.**

Оре, модар дар ҳама ҳолат пайваста дар ёди фарзанд аст, оромию хушгуфтории фарзандро дида аз шодӣ меболад. Давлати фарзанд ин модар аст. Модар шахси нотакрор аст.



**Ҷаннат, ки ризои мо**
**дар он аст,**
**Дар зери қудуми модарон аст.**

Пайғамбарону анбиё ва адибону шуарро симои воқеии ӯро то ба фалак баровардаанду дар наздаш сари таъзим фуруд овардаанд. Ҳар фарзанде, ки қадри модарро медонад, бо дуояш сарзабзу хушбахт ва шуҳратёр мегардад. Ҳама пайғамбарон, шоирону олимон парвардаи боғи муаттари дунёи ҳавасҳои модаранд.

**Аз сарвату зи шуҳрат гар**
**бар фалак занам сар,**
**Таъзим мекунам боз дар**
**пеши пои модар.**

Зиҳӣ модар бо чунин қудрату матонат!!!!!!

# БЕГОНАПАРАСТӢ ТО БА КАЙ!



**Сулаймонзода РУСТАМ**
*донишҷӯи соли 3 (шуъбаи ғоибона)*

Пеш аз он ки дар мавзӯи бегонапарастии ҷавонон сухан гуфт, аввал бояд сабабҳои пайдоиши бегонапарастиро ҷӯё шуд. Бояд фаҳмид, ки аз куҷо ва бо чӣ восита миёни ҷавонони мо урфу одат ва тарзи либоспӯшию суханрониҳо, ки хосси миллати мо нест ва шуда ҳам наметавонад, пайдо шудааст. Дар ҳақиқат дар ҷаҳони имрӯз ягон давлат дар алоҳидагӣ бе равобит бо дигар давлатҳо вуҷуд дошта наметавонад. Махсусан солҳои охир қисми зиёди ҷавонон ба Федератсияи Русия барои давом додани фаъолияти меҳнатиашон равуо доранд. Қисме ба дигар мамлакатҳои Аврупо ва Осиё, қисме ба давлатҳои қитъаи Амрико рафтуомад мекунанд. Ин яке аз роҳҳои асосии омезиши расму оинҳои мо бо дигар мамлакатҳо ба шумор меравад.

Омӯхтани забони дигар халқу миллатҳо ва ба фарҳангу маданияташон ошноӣ пайдо кардан тақозои замон аст. Аммо ин он маъноро надорад, ки ҳамаи он чизеро ки мо дар берун аз ҷумҳурӣ дидему ошноӣ пайдо кардем, ба худ қабул кунему он чи ки хоси миллати мост фаромӯш кунем. Дар тӯли ҳазорсолаҳо миллати мо ҳамавақт илму фарҳанг ва маданияти худро сайқал дода омадааст. Имрӯз мо бояд корҳои фаҳмондадиҳиро оид ба таърих, маданият ва фарҳанги миллат миёни мардум, махсусан ҷавонон боз ҳам таҳким бахшем. Зеро яке аз сабабҳои пайдоиши бегонапарастӣ дар миёни ҷавонон ин аз таъриху фарҳанги миллат ба пурағӣ огоҳӣ надоштан ба ҳисоб меравад.

Аз ин рӯ, ҳамаи ҷавононро даъват менамоем, ки якҷоя барои обрую эътибори кишвари азизамонро дар миқёси ҷаҳонӣ боз ҳам баландтар бардоштан кӯшиш ба харҷ диҳанд. То ки ҷавонониояндаи миллат дар миёни дигар миллатҳо аз тоҷик будани худ ифтихор кунанд. На ин ки мо тақлиди маданият ва тарзи рафтори дигар миллатҳоро кунем, балки дигарон тақлиди рафтору гуфтори моро кунанд. Бегонапарастӣ то кай! Вақте ҷавонони мо аз таърихи миллати худ огоҳанд ва аз он ифтихор мекунанд, ҳеҷ гоҳ ба бегонапарастӣ даст намезананд ва куркурона ба дигарон тақлид нахоҳанд кард. Бояд мо ҷавонон ҳама якҷо бо азму иродаи қавӣ, кору фаъолият намуда, номбардори ватану миллати хеш бошем.





# БОНУЕ ДАР РОҲИ КАМОЛОТ

Таълиму тарбия яке аз масъалаҳои рӯзмарраи ҳаёти муосир буда, диққати ҷомеаи башар доимо ба он нигаронида шудааст. Дар ин ҷода нақши зан-модар басо ибратомӯз аст. Мақолаи мазкур ба ҳаёт ва фаъолияти яке аз занҳое бахшида шудааст, ки бештари умри худро ба таълим ва тарбияи кадрҳои ҳуқуқшинос бахшидааст. Ин зан муаллимаи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, номзади илмҳои ҳуқуқ Бобоева Низорамоҳ Идиевна мебошад.

Бобоева Н.И. 4-уми марти соли 1961 дар шаҳри бостонии Кӯлоб дар оилаи зиёӣ чашм ба олами ҳастӣ ниҳодааст. Ӯ маълумоти ибтидоиро дар мактаби миёнаи № 6-и ш. Кулоб гирифтааст. Баъд аз хатми мактаби миёна ба факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ба номи В.И. Ленин (айни ҳол ДМТ) дохил шуда, онро бо муваффақият хатм намудааст.

Баъд аз хатми донишгоҳ бо розигии раёсати донишгоҳ ҳамчун мутахассиси ҷавон ба факултети ҳуқуқшиносӣ ба кор тавсия карда мешавад. Фаъолияти меҳнатии муаллима Бобоева Н.И. аз вазифаи мудири кабинети кафедраи ҳуқуқи давлатии (ҳозира ҳуқуқи конститутсионии) факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ба номи В.И. Ленин оғоз шудааст. Сипас дар вазифаи мудири кабинети кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатиии миллии Тоҷикистон кору фаъолият намудааст. Ҳамзамон дар ин солҳо ҳамчун соатбайъ дар кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ кор кардааст. Бо таъсисёбии кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ (аз соли 2006) муаллима дар он ба сифати ассистенти кафедра ба кор қабул шуда, то ҳол дар кафедраи мазкур ба сифати омӯзгор фаъолият менамояд. Хизматҳо ва меҳнати шоистаи муаллимаро ба инобат гирифта, раёсати донишгоҳ ӯро ба вазифаи муаллими калон сазовор донист. Илова бар ин бо чандин ифтихорномаҳои Вазорати маориф ва илми ҶТ, раёсати ДМТ ва факултети ҳуқуқшиносӣ мушарраф гаштааст.

Бобоева Н.И. бо меҳнату машаққати зиёд рисолаи номзадии худро дар яке аз мавзӯъҳои мубрам "Таҳаввулоти ҳокимияти давлатӣ дар Тоҷикистони таърихӣ" дифоъ намуда, бо сарбаландӣ соҳиби унвони номзади илмҳои ҳуқуқ гаштааст. Бояд қайд намуд, ки рисолаи номзадии муаллима идомаи анъанаи гузаштагон бобати ҳифзи арзишҳои миллӣ ва эҳёи анъанаҳои давлатдории миллӣ буда, онро бо назардошти замони муосир ба риштаи ҳуқуқ баркашидааст. Ӯ муаллифи зиёда аз 40 корҳои илмӣ ва илмӣ-оммавии ба табърасида мебошад. Шогирдони муаллима дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва шохаҳои дигари ҳокимияти давлатӣ кору фаъолият намуда, номбардори миллату давлат мебошанд.

Дар баробари фаъолияти илмию омӯзгорӣ ба душии муаллима корҳои ҷамъиятӣ низ гузошта шудааст. Бобоева Н.И. аз соли 2006 то инҷониб Раиси Шӯрои занони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ-ро ба уҳда дошта, дар ин самт низ ба дастовардҳои назаррасе ноил гардидааст. Тайи ин солҳо, ки муаллима роҳбарии Шӯрои занони факултетро ба зимма доштанд, дастпарварони факултети ҳуқуқшиносӣ дар чорабиниҳои фарҳангӣ, сиёсӣ, аз ҷумла озмунҳо, намоишҳо, фестивалҳо иштирок намуда, сазовори ҷойҳои намоён гардиданд.

Бобоева Н.И. дар конфронсҳои илмии байналхалқӣ, ҷумҳуриявӣ ва умумидонишгоҳӣ фаъолона иштирок намуда, бо маърӯзаву пешниҳод миёни олимони ҳуқуқшинос эътибори хосса пайдо намудааст.

Бояд гуфт, ки комёбиҳои бадастовардаи Бобоева Н.И. натиҷаи заҳмату шабонарӯзӣ, кӯшишу ғайрати ҳамешагӣ, бо масъулияти баланд муносибат кардан ба супоришу дарстурҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Ҳукумати ҶТ, Раёсати ДМТ ва садорати факултети ҳуқуқшиносӣ мебошад.

Бобоева Н.И. дар зиндагӣ низ хушбахт буда, соҳиби оилаи солим мебошад. Дар баробари ҳамаи масъулиятҳо муаллима 4 фарзандро дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва хештаншиносӣ тарбия ва ба воя расонида истодааст.

Муаллима Бобоева Н.И. дар оғози моҳи март, аввали рӯзҳои баҳор, арафаи иди модарон зодрӯз доранд. Аз ин рӯ, муаллимаи азизро пеш аз ҳама ба рӯзи мавлудашон ва бо ҷашни дарпешистода табрик намуда, дар симои эшон тамоми занон ва модаронро ба ин рӯзи фаррух муборакбод мегӯем. Бигзор зани тоҷик донишманд, роҳбар, сиёсатмадор, тарбиятгар ва доим пешрав бошад.

**Азизов У.А.**
*мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ*
**Шоев Ф.М., Саъдизода Ҷ.**
*устодони кафедра*



**Одилбек МАВЛОНАЗАРОВ**
ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат

# Тафовути андоз аз дигар пардохтҳои ҳатмӣ (боҷу хироҷ)

Дар қонунгузории андози ҶТ пардохтҳои ҳатмӣ муқаррар гардидаанд, ки ба буҷети давлатӣ пардохт карда шуда, асоси устувории ҷомеа ва давлатро муайян менамоянд. Чуноне, ки маълум аст Кодекси андоз аз 17.09. 2012 ва аз 1.01.2013 ба қувваи амал даромад ва дар бахши андозбандӣ як қатор тағйиротҳои куллӣ ба вуҷуд омаданд. Масалан 21 намуд андоз ба 10 намуд оварда шуд, меъёри андоз аз арзиши иловашуда аз 18 фоиз ба 6 фоиз, низомҳои махсуси андозбандӣ ва ғайраҳо муқаррар карда шудаанд. Андоз, боҷ ва хироҷ ҳамчун пардохти ҳатмӣ аз ҳамдигар бо якчанд хусусиятҳояшон фарқ менамоянд. Фарқиятҳои асосиро аз рӯи асосҳои зерин муайян кардан мумкин аст:

Якум, ҳолати ҳуқуқии андоз тавассути Кодекси андози ҶТ, ҳолати ҳуқуқии боҷи давлатӣ тавассути Қонуни ҶТ "Дар бораи боҷи давлатӣ" аз 28.02.2004 ва ҳолати ҳуқуқии хироҷ бошад, тавассути Қонуни ҶТ "Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ" аз 28 июли соли 2006 муайян карда мешавад;

Дуюм, аз рӯи мафҳумҳои дар қонунгузории амалкунанда пешбинишуда: масалан, мутобиқи моддаи 7 Кодекси андози ҶТ "Андоз пардохти ҳатмии муқаррарнамудаи Кодекси мазкур ба буҷет ба ҳисоб рафта, ба андозаи муайян амалӣ гардида, хусусияти ҳатмии бебозгашт ва беподош дорад". Боҷи давлатӣ бошад, пардохти ҳатмӣ барои анҷом додани амалиёти дорои аҳамияти ҳуқуқӣ ё додани ҳуҷҷатҳо аз ҷониби мақомоти ваколатдоршуда дар ҶТ мебошад. Хироҷ бошад, пардохти ҳатмӣ ба буҷети давлатӣ мебошад, ки барои анҷом додани амалҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ муҳим ситонида мешавад;

Сеюм, ҷамъоварӣ ва назорати андозҳо ба салоҳияти Кумитаи андози назди Ҳукумати ҶТ вогузор карда шудааст, боҷу хироҷро бошад, ҳар як мақомоти давлатӣ дар алоҳидагӣ барои супоридан метавонад талаб намояд;

Чорум, андоз пардохти мунтазам мебошад (моҳона, се моҳ пас, шаш моҳ пас ва як сола) боҷу хироҷ бошанд, хусусияти якдафъаина доранд. Масалан, андоз аз даромади ҳармоҳаи маоши кормандон гирифта мешавад, андози низоми соддакардашуда бошад, баъди се моҳ пардохт карда мешавад, боҷ барои аризаи даъвогӣ дар сурати пешниҳоди даъво гирифта мешавад;

Панҷум, андоз хусусияти бебозгашт ва беподошро дорад, яъне барои супоридани андоз давлат ба шаҳрвандон ягон хизматрасониро иҷро намекунад, барои супоридани боҷу хироҷ бошад давлат ба шаҳрвандон хизматрасонии ҳуқуқиро иҷро мекунад. Масалан, боҷи давлатӣ аз аризаҳои даъвогӣ, аризаҳо (шикоятҳо), ки ба судҳои ҶТ пешниҳод мешаванд, яъне то шаҳрванд боҷи давлатиро насупорад аризаи даъвогии ӯ (ба истисноӣ ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ) баррасӣ карда намешавад;

Шашум, андоз бо меъёр аз рӯи фоиз муайян карда мешавад. Масалан, андоз аз даромад 13% ва 8%, андоз аз фоида 25%, 24%, 23%, 15%, 14%, 13%. Боҷу хироҷ бошад, бо фоиз аз рӯи нишондиҳанда барои ҳисобҳо, масалан то 50 нишондиҳанда барои ҳисобҳо 3% аз нархи даъво, аз 50 то 100 нишондиҳанда барои ҳисобҳо 2% аз нархи даъво, аз 100 то 500 нишондиҳанда барои ҳисобҳо 0,7% аз нархи даъво;

Ҳафтум, ҳангоми пардохти андоз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳамчун андозсупоранда эътироф карда мешаванд ва ҳангоми бақайдгирӣ ба ӯ патент ё шаҳодатнома дода мешавад. Аммо бояд қайд намуд, ки барои гирифтани ҳуҷҷатҳои мазкур шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ боҷи давлатӣ пардохт менамоянд.



**Азизов Сангалӣ**
*донишҷӯи соли 4*

# ИДАТ МУБОРАК, МОДАРИ АЗИЗ!

Ба омад-омади фасли баҳор шоҳиди ҳол гаштаем, ки табиат иқлими худро дигаргун намуда, боду ҳаво соф, гарм, ва форам гаштааст. Кӯҳу саҳро ҷомаи сабз ба бар намуда, гулу гиёҳ ва дарахтон ба сабзиш шурӯъ менамоянд, яъне зиндашавии табиат ба назар мерасад. Фасли баҳор олиҳаи ҳусни сол буда, шавқу ҳаваси инсонро бо зебогиҳои худ бедор мекунад. Зеро бо гулгулшукуфоии табиат ва ҷашн гирифтани як қатор идҳову чорабиниҳои миллию байналмилалӣ бо ҳавасмандии зиёд пазируфта мешавад. Яке аз идҳои байналмилалие, ки дар сар то сари мамлакатҳои ҷаҳон ҷашн гирифта мешавад 8-уми март Рӯзи занон мебошад.

Бузургии зан-модарро қадрдонӣ намуда, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон 8-уми мартро ҳамчун Рӯзи Модар эълон намуданд. Санаи мазкур дар ҶТ ҳар сол ҷашн гирифта мешавад. Мо халқи тоҷик бо як муҳаббати хоса ва меҳри беандоза модари хешро чун муқаддасот ва ганҷинаи ноёб қадрдонӣ намуда, барои як лаҳза хушбахт будани ӯ тамоми тадбирро андешида, ҳастии худро фидо мекунем. Зеро модар муқаддастарин муъҷиза, азизтарин ҳастӣ ва арзандатарин сарварест, ки ҳамагонро ҳаёт бахшидааст. Заҳмати ҷонкоҳонае, ки модар нуҳ моҳу нуҳ рӯз моро ба бар гирифта, бо ранҷи бешумор ба дунё меорад ба ягон ганҷинаи ҷаҳон баробар кардан номумкин аст. Шоир инро дуруст тасдиқ меунад:

***Якшаба он ранҷ ки***
***модар кашид,***
***Бо ду ҷаҳонаш натавон***
***бар кашид.***

Оре, модар ягона муқаддасотест, ки одамиятро ба дунёи равшан оварда, ҳамеша баҳри тарбият ва инсони бофарҳангу комил гаштани фарзанди худ саъю талошҳо меварзад. Модар баҳри оромиши фарзанди худ шабҳо нахуфта, то ҷигарбандаш бароҳат бихобад, шабзиндадорӣ мекунад. Модар барои ҳар як фарзанд бузургтарин роҳнамоест, ки моро ба роҳи ростӣ, накӯкорӣ, адолатпарварӣ раҳсипор менамояд ва ба мо шири сафед дода, дар зиндагӣ бахту иқболи сафед хоҳон аст. Модар сутуни хонадон аст, ки бо ҳастии худ хонадонро пур аз нозу неъмат гардонидааст. Дар олам муқаддастар аз модар мавҷудоте нест. Зеро маҳз модар моро ба дунё оварда ба воя мерасонад

***Ҷон фидои як нигоҳи***
***дилрабоят модарам,***
***Он навозишҳои пурмеҳру***
***вафоят модарам .***
***Ҳар куҷое гар ки рафтам***
***гар хатарнок буд роҳ,***
***Боз гаштам назди ту***
***бо дуоят модарам.***

Оре, модар он гуна қудрату тавоноие дорад, ки ба ҳеҷ кас муяссар нагаштааст. Он хислатҳое, ки дар вуҷуди модар ниҳон аст аз қабили меҳрубонӣ, хушгуфторӣ, бахшояндагӣ, диле дорад, ки ба ҳар рафторҳои ноҷои фарзанд боз ӯро бахшида навозиш мекунад. Бо ҳамон вуҷуди саршор аз меҳру муҳаббат ҳангоме, ки модар фарзандашро дар оғӯш мегирад як лаҳзаи хотирмон ва дунёи рангин қалби моро фарогир мешавад. Модар ҳаст, ки мо ҳастии худро дарк мекунем.

Мақому мартабаи модар дар оятҳои Қуръони Маҷид ва ҳадисҳо ситоиш шудааст. Расули Акрам (с) фармудаанд: "Биҳишт зери қудуми модарон аст". Оре, биҳиштро зи домони модар бояд даёфт. Бояд хизмати модарро содиқона иҷро намоем. Бузурге гуфтааст: Фалсафаи модар он аст,ки хизмати фарзанд нисбати ӯ адонашавнда будааст. Метавон гуфт, ки модар аз шахсиятҳои муътабари Яздон аст, ки дуояш назди Худованд мақбули пазирост.



Ҳангоми мутолиаи сомонаҳои интернетӣ чашмам ба ҷумлаҳое афтод, ки тавсифи беҳтаре аз он нисбати модар нашунидаам, ки чунин гуфта шудааст: "Аз уқёнус пурсидаан: Аз ту пурталотумтар чист? Гуфт: Дили модар! Аз офтоб пурсиданд: Аз ту гармтар чист? Гуфт: Дили модар! Аз кӯҳ пурсиданд: Аз ту сахттару устувортар чист? Гуфт: Ҷисму матонати модар! Аз чашма пурсиданд: Аз ту софу поктар чист? Гуфт: Меҳри модар. Худоё! Баъд аз ту бахшандатар боз кӣ буда метавонад? Нидо омад: МОДАР". Дар асл гӯем ҳам модар ба ин гуфтаҳо қодир аст. Модар беҳтарин пушту паноҳ, арзандатарин мукаддасотест, ки бо ҳастии худ зиндагиро ширину гуворо мегардонад.

**Зиндагиро дӯст дорам аз**
**барои Модарам,**
**Аз барои он ки Модар,**
**ҳаст болои сарам.**
**Эй Худои меҳрубон,**
**ту нигаҳ дор Модарам,**
**Ман бубинам дарду ғамро,**
**лек набинад модарам.**

Аз фурсати муносиб истифода бурда тамоми бонувону модарони тоҷикро бо ин рӯзи фархунда Рӯзи модарон табрик гуфта, ба онҳо тамоми хушиву хурсандиҳои зиндагиро тамано дорам, аз даргоҳи Илоҳӣ хоҳони онам, ки бигзор чи мақсаду мароме дар дил мепарваранд ҷомаи амал пӯшад. Мо ҷавонон баҳри ба қадри модарон расидан тамоми қуввату неруе, ки дар вуҷудамон ҳаст истифода намуда, ҳамеша дастгири модари хеш ҳастем.

Модар! Ту офтобӣ дурахшон ва ҷонбахши руҳи инсонӣ. Модар! Домонӣ ту пур аз меҳру муҳаббат ва фараҳбахши мо дар лаҳзаҳои хушҳолию душвории зиндагӣ аст. Идат муборак, модари азиз!

## КАЛИМАҲОИ ҲУҚУҚӢ (ҳарфёбак)

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| И | Н | К | О | Н | Ҷ | О | Я | У | С | С | Қ | А | М | Р | Т | Г | У | У | К | К | И | Я | Т |
| Ҳ | С | О | Н | В | И | Н | Т | Л | У | А | О | Н | О | Р | А | Ҳ | М | Р | М | И | П | Ҳ | М |
| У | Қ | У | Н | Е | К | О | К | С | М | Н | А | У | П | Р | А | Д | И | Д | О | Л | С | И | У |
| П | А | Қ | С | И | Я | Д | Е | Қ | О | Н | Д | Н | И | Р | Д | А | А | Н | О | Х | И | М | Т |
| М | Й | У | Ҳ | Д | Ҷ | С | Р | А | З | И | Л | А | К | Р | О | З | Ф | А | Л | Т | Я | О | А |
| О | У | Қ | Н | Ё | А | У | О | П | Е | М | И | Ш | Г | У | Р | Е | А | Қ | О | Г | С | А | Х |
| Н | Қ | Б | У | О | З | Д | Р | Р | Н | А | Р | А | М | Ш | Н | А | Я | И | Г | А | С | С | У |
| С | Н | О | К | З | А | Р | К | О | Т | М | Т | Ҳ | У | И | С | М | Т | Е | Р | Р | И | С | Б |
| Т | С | И | Я | Ӯ | Т | К | У | Т | У | О | Н | А | Ф | Т | А | Р | Ч | О | Р | М | К | Е | Ъ |
| И | Т | В | О | Р | И | О | Р | А | Р | О | Н | Л | А | Т | Б | А | А | Р | И | З | Т | Ҳ | О |
| Т | У | А | Р | Й | Я | М | Е | Д | А | М | А | А | С | О | С | С | Ш | М | А | М | Т | А | Л |
| С | О | Ҷ | О | И | Ҷ | И | Н | О | К | О | Р | А | Т | П | К | О | Т | И | Н | А | К | О | М |
| У | Ҳ | А | Б | Л | А | О | Б | Я | Т | А | Ҳ | Ҷ | О | Р | М | Е | Т | Б | О | К | Е | О | О |
| С | С | И | Н | Т | И | Х | О | Т | Т | Ё | З | У | В | Е | Д | Ф | А | Р | М | Т | Ъ | Б | Т |

Конститутсия, қонун, санад, низом, усул, ҷиноят, кодекс, қарор, ҷазо, алимент, суд, прокуратура, амр, шартнома, инсон, ҳуқуқ, конвенсия, паймон, ҳуқуқбунёд, демократия, ҳалнома, зӯроварӣ, таҳдид, кирдор, нафақа, гумрук, моликият, психология, ҳимоятгар, муфаттиш, субъект, ҳолат, асос, мансаб, сарчашма, мақомот, объект, предмет, котиб, ҷосус, баҳс, интихобот, гуреза,ҷинояткор, таҷовуз, оила, ҳаёт, терроризм, фармон, мутахассис, пора.

*Мураттиб:*
**Амриддин ШАРИФОВ**
*донишҷӯи соли 4*

# ҲУҚУҚИ ЗАН БА ТАҲСИЛ



**Савлат ИЗЗАТУЛЛОЕВА**
*донишҷӯи соли 2 (МБҲ)*

Бо мақсади баланд бардоштани нуфузу эътибори занону духтарон фармони Президенти ЧТ "Дар бораи баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа" қабул карда шудааст. Ба таҳсил фаро гирифтани духтароне, ки дар деҳаҳои дурдаст зиндагӣ мекунанд, ҳамеша, зери назари Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Таъсис додани Квотаи Президентӣ барои толибилмони ма-нотиқи дурдаст, таъсиси стипендияи Президентӣ барои донишҷӯёни фаъол ва таъсиси Маркази миллии тестии назди Президенти ЧТ далели ин гуфтаҳо мебошанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки бо ҳамаи ин дастгириҳои бевоситаи Президенти ЧТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нигоҳ накарда, имрӯз ҳам шумораи занону духтароне, ки ба таҳсил фаро гирифта намешаванд, дар кишвар кам нестанд. Яке аз мушкилоти дардноке, ки боиси таассуф ва нигаронист, монеъ шудани волидон ба таҳсили духтарон мебошад. Баъзе падару модар шариатро мисол меоранд, ки гуё ба таҳсил фаро гирифтани духтарро манъ карда бошад. Бояд тазаккур дод, ки бо паҳн гардидани дини Ислом духтарон аз зулми даврони ҷоҳилият озод шуда, ҳуқуқ ба ҳаётро ба даст оварданд. Дар ҳадисҳои паёмбар Муҳаммад (с) омадааст, ки: "Талаби илм болотар аз ибодат" аст, яъне омӯзиши илм боиси гунаҳкор шудани инсон намегардад.



Дар суҳбат бо мо корманди Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати ЧТ Мадина Бобоева чунин ибрoз намуд, ки "Занону духтароне, ки аз таҳсил дур монда мешаванд, аксаран падару модар ё бародарони онҳо ақидаҳои хурофотӣ доранд. Онҳо духтаронашонро аз таҳсил канор мегиранд, вақте ки духтар хонанишин мешавад, ҳатман ҳатто ба синни 18-солагӣ ҳам нарасида ба шавҳар медиҳанд. Азбаски ба зиндагӣ омода нестанд, аз ҳуқуқҳои худ ва дар ҷамъият ва на дар оила хабардор намебошанд оилаҳои онҳо зуд пош хӯрда, дар зиндагӣ гумроҳ мешаванд". Бояд қайд кард, ки вайрон гардидани оилаҳои ҷавон ва махсусан заноне, ки соҳибмаълумот намебошанд, мушкилоти ҷиддӣ мебошад. Ғамхории бевоситаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва фаъолияти Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати ЧТ занонеро, ки маълумот надоранд ва бар замми ин соҳиби фарзандон буда, оилаҳояшон пош хӯрдааст, дар нимароҳ нагузошта, балки таҳсили онҳоро низ фароҳам мекунанд. Заноне, ки ба Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумат ЧТ муроҷиат мекунанд ва дорои фақат маълумоти пурраи ибтидоӣ мебошанд, ба курсҳои махсуси дӯзандагӣ, қаннодӣ, бофандагӣ ҷалб карда мешаванд. Дар баробари ин Маркази касбоомӯзии калонсолони Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ барои касбомӯзии занон нақши калон дорад. Бояд зикр кард, занону духтароне, ки ҳатто маълумоти миёнаи пурраро надоранд, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати ЧТ онҳоро ба шакли таҳсили шабона ҷалб менамояд ва дар баробари ин касбҳои гуногунро барои онҳо меомӯзонанд. Бояд тазаккур дод, ки ҳангоми пош хӯрдани оилаи зане, ки волидону бародаронаш ӯро аз таҳсил канор гирифта будант, ғамхорӣ зоҳир наменамоянд, яъне боз таъмин намудани шароити иҷтимоии онҳо аз ҷониби давлату ҳукумат сурат мегирад.

Зани тоҷик аз қадим то имрӯз ҳамчун зани наҷибу пок дар арсаи байналмилалӣ шинохта шудааст, ки дар оила меҳрубон ва ҳам дар корҳои идоравӣ фаъолона ширкат меварзад. Махсусан дар замони соҳибистиқлолӣ дар толорҳои пуршукуҳе, ки маҷлисҳои ҳукуматӣ доир мегардад, шумораи занон кам намебошад. Зани тоҷик то имрӯз ҳам ҳамчун Гурдофарид боҷуръату ҳамчун Таҳмина пурсабру меҳрубон аст.

**Адабу шарм туро хусрави**
**маҳрӯён кард,**
**Офарин бар ту, ки шоистаи**
**сад таҳсинӣ.**
*(Ҳофизи Шерозӣ)*

# ЭҲТИРОМИ МОДАР - ҚАРЗИ ИНСОНӢ



**Миралӣ СОБИРОВ**
*донишҷӯи соли 3*

Агар ба таърих назар афканем тӯли ҳазорсолаҳои зиёд занон аз бисёр ҳуқуқҳо маҳрум буданд ва баҳри расидан ба онҳо ҳамеша мубориза мебурданд. Дар бисёр давлатҳои ҷаҳон занон ҳуқуқи амволӣ, ҳуқуқи меросгирӣ ё соҳибихтиёрӣ ба тақдири худро надоштанд. Зан объекте буд, ки худ метавонист ба мерос мубаддал гардад. Занон ҳуқуқ ба ҳаёт надоштанд, дар ҳолатҳои розӣ набудан аз таваллудшавии духтар, ӯро фавран баъди таваллуд метавонистанд бикушанд, ки ин амал аз паст будани шууру саводнокии онҳо шаҳодат медиҳад. Саҳми дини Ислом дар боло бурдани ҳуқуқи зан бисёр бузург аст. Ягон дин он қадар хидмат ба зан накардааст, ки Ислом карда. Мақому мартаба ва ҳуқуқҳое, ки Ислом барои зан фароҳам овардааст, дар ягон санади таърихии миллату давлат ва динҳои дигар дида намешавад. Зан-модар шахсияте мебошад, ки тамоми инсоният аз он маншаъ мегирад. Мо агар дар бораи муқаддасот ва бузургии зан чӣ қадар гӯему нависем, боз ҳам ҳаққи ӯро адо накардаем. Тамоми фариштагони осмон ба азамату бузургии зан-модар беандоза қоиланд. Зеро зан онест, ки ҷавҳари ӯ хокро мубаддал ба инсон мекунад. Бузургтарин инсонҳо чи паёмбарон, чи уламову шуҳадо, чи уламо ва он шахсиятҳое, ки ҷаҳон дар баробарашон ангушти ҳайрат газидаанд, ҳама аз зан ба дунё омадаанду дар домани ӯ парвариш ёфтаанд. Дар ситоиши зан ва модар бузургони олам андарзҳои безавол офаридаанд. Ҳазрати Муҳаммад (с) дар васфи зан-модар чунин фармудаанд: "Биҳишт зери қудуми модарон аст".





Дар баробари дигар давлатҳои ҷаҳон Тоҷикистон низ ба масъалаи зан-модар диққати махсус медиҳад. Сарқонуни ЧТ дар моддаи 17-и худ занон ва мардонро баробарҳуқуқ медонад. Дар ЧТ сол аз сол сафи занони фаъолу соҳибтаҷриба зиёд гардида, барои пешбурди илму техника саҳми сазоворе гузошта истодаанд. Ҳамаи ин пешравиҳо натиҷаи қабули санадҳои зиёди меъёрӣ-ҳуқуқӣ мебошад. Дастгирии ҳамаҷонибаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд, ки занҳо дар баробари мардон худро ҳамчун шахси комилҳуқуқ ҳисобида, дар мақомоти давлатӣ ба вазифаҳои гуногуни роҳбарикунанда пешбарӣ гаштанд ва дар ин самт ба муваффақиятҳо ноил гардиданд.

Ҳамасола 8-уми март чун Рӯзи Модар ҷашн гирифта мешавад ва дар тақвимҳо бо ишораи сурх нишон дода шудааст, ки ифодагари рӯзи истироҳат будан аст. Дар эълон намудани рӯзи 8 март ҳамчун Рӯзи Модар Предиденти ЧТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нақши бузург доранд. Бо шарофати Пешвои миллат 8 март Рӯзи Модарон эълон гардид. Воқеан ба оғози фасли баҳор рост омадани иди модарон рамзи шукуфоӣ ва мазҳари зебоӣ буда, озодагиву нафосат сарсабзиву таровати онро дучанд меафзояд. Ба ибораи дигар, агар нури офтоб ҷаҳонро хуррамӣ бахшад пас зан-модар бо меҳру муҳаббат ва раҳму шафқати хеш сарчашмаи зиндагӣ ва гармии ҳар як хонавода аст. Мо ҳамеша ин рӯзи фараҳбахшро бо дили гарму эҳсоси баланд пешвоз мегирем. Зан-модар, ки ибтидои ҳастии башарият ва эҳёгари нияту ормонҳои фараҳбахш аст, ҳақ дорад, ки зеботарин рӯзи сол низ аз ӯ бошад. Зеро модари тоҷик ҳазорҳо фарзандони бонангу номус, паҳлавонони ҷасур, абармардону хирадмандони фарзона ва фидокору номбардорони миллатро ба дунё оварда дар домани муҳаббати худ тарбия карда, ба камол расонидааст ва онҳоро ба роҳи хизмат ба инсоният дуо додааст. Аз ин хотир дӯст доштан, эҳтиром кардан, ба қадру заҳмати модар расидан қарзи инсонии ҳар як фарзанд аст.

**Идатон муборак, модарони азиз!**